**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№19**

**аз 26 июни соли 2009** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ, худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат, фирор ва саркашӣ аз иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ бо роҳи узвмаибкунӣ ё усули дигар**
***(бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 23 ноябри соли 2012, №34 ва аз 18 ноябри соли 2013, №12 ворид карда шудаанд)***

Бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорие, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ, худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат, фирор ва саркашӣ аз иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ бо роҳи узвмаибкунӣ ё усули дигар, пешбинӣ менамояд, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

1. Бояд дар назар дошт, ки ҳарҷониба, пурра ва объективона санҷидани ҳамаи ҳолатҳои парванда принсипи муҳимтарини мурофиаи судии ҷиноятӣ буда, гузаронидани таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ бо риояи талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ яке аз шартҳои қабули санадҳои қонунӣ ва асосноки судӣ мебошад.

Ҳангоми таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ, худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат ва фирор алоқамандбуда, бояд ба инобат гирифт, ки мутобиқи қисми 1-и моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ба хизмати ҳарбӣ шаҳрванди ҷинси мард аз 18 то 27 сола даъват карда, пас аз расидан ба синни 27 солагӣ аз даъват озод мешавад. Бинобар ин барои хизматчии ҳарбие, ки хизмати мӯҳлатноки ҳарбиро адо менамояд, аз лаҳзаи қатъ гардидани ӯҳдадориҳои хизмат аз рӯи даъват давомнокии ғайриқонунӣ дар маҳалли хизмат набудан, иҷро накардани вазифаҳои хизматии ба ӯ вогузор кардашуда қатъ мегардад. Барои саркашӣ аз даъват ба хизмати ҳарбӣ бошад, танҳо шахсоне ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, ки ҷинояти мазкурро то расидан ба синни дар боло зикргардида содир намудаанд, ба шарте, ки мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо нагузашта бошад.

2. Субъекти ҷинояти дар қисми 1-и моддаи 343 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ) пешбинишуда, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷинси марди ба синни 18 солагӣ расида, дар қайди ҳарбӣ гирифта шуда ё ин ки ӯҳдадор аст гирифта шавад ва дар ҳисоби захиравӣ набуда, ки тибқи тартиби бо қонун муқаррааргардида бояд ба хизмати ҳарбӣ даъват карда шаванд (минбаъд даъватшаванда), дониста мешавад.

Тибқи моддаи 34-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» оғози хизмати ҳарбӣ барои шаҳрвандоне, ки ба хизмати ҳарбӣ даъват шудаанд, аз рӯзи ба комиссариати ҳарбӣ барои фиристодан ба маҳалли адои хизмати ҳарбӣ ҳозир шудан, барои шаҳрвандоне, ки ба хизмати ҳарбӣ ба тариқи ихтиёрӣ дохил мешаванд, аз рӯзи ба рӯйхати шахсии қисми ҳарбӣ дохил шудани онҳо ва барои шаҳрвандоне, ки ба муассисаи таълимии ҳарбии маълумоти касбӣ дохил мешаванд, аз рӯзи ба муассисаи таълимӣ дохил шудан ҳисоб карда мешавад.

Дар мавриди ба самти ҷойгиршавии хизмати ҳарбӣ рафтан худсарона тарк намудани

наклиёти рӯизаминӣ ва ё ҳавоӣ ҷавобгарӣ барои саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ мувофиқан бо моддаҳои 374, 375, 376-и КҶ фаро мерасад.

3. Ба мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва судҳо зарур аст аз рӯи ҳар як парванда дар бораи саркашӣ аз даъват ба хизмати ҳарбӣ муайян созанд, ки оё асосҳои бо моддаҳои 20 ва 21-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» пешбинишуда, ки мутобиқи он шаҳрванд ба хизмати ҳарбӣ даъват карда намешавад, мавҷуд мебошанд ё не.

Агар дар рафти муҳокимаи судӣ муайян гардад, ки тибқи қонун шахс бояд ба хизмати ҳарбӣ даъват карда намешуд ё ин ки аз иҷрои ӯҳдадориҳои ҳарбӣ, даъват ба хизмати ҳарбӣ озод карда мешуд ва ё ягон асос барои мавқуф гузоштани даъват ба хизмати ҳарбӣ то саркашӣ намудан аз даъват ба хизмати ҳарбӣ ҷой доштанд, он гоҳ суд аз сабаби дар кирдораш набудани аломати ҷиноят ҳукми сафедкунанда қабул менамояд.

Дар ҳолатҳои ҷой доштани асосҳои бо қонун пешбинишуда, ки мувофиқи он шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ даъват намешаванду дар давраи саркашӣ намудан аз даъват ба хизмати ҳарбӣ ба вуқӯъ меоянд (дар оилаи шаҳрванд таваллуд ёфтани кӯдаки дуюм ё онҳое, ки донишҷӯёне, ки дар шӯъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил мекунанд, дар давраи таҳсил ва дигар асосҳои дар моддаи 21-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» нишон дода шудааст), суд шахсро бо сабаби тағйир ёфтани вазъият ҳангоми мавҷуд будани шароитҳои дар моддаи 74-и КҶ пешбинишуда, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод менамояд.

Тибқи қисми 2-и моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» шаҳрванде, ки барои содир кардани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин доғи судии бардоштанашуда дорад, наметавонад ба хизмати ҳарбӣ даъват карда шавад. Ҳамзамон, чунин талабот ба шахсоне, ки тибқи бандҳои 2-3,7-и моддаи 84 КҶ доғи судиашон барҳам нахӯрдааст, паҳн мегардад.

Ба мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва судҳо зарур аст, ки дар бораи оғоз ё қатъ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин дар бораи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукмҳо нисбати шаҳрвандоне, ки дар қайди ҳарбӣ мебошанд ё бояд ба қайди ҳарбӣ дохил шаванд дар асоси моддаи дахлдори Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) ва моддаи 3-и Қонуни дар боло зикргардида, дар мӯҳлати як ҳафта ба комиссариатҳои ҳарбӣ хабар диҳанд.

Мувофиқи моддаҳои 1 ва 32-и ҳамин Қонун шахсоне, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд, ҳуқуқи адои хизмати ҳарбиро надоранд.

Аз ин рӯ, комисссияҳои даъватӣ зимни ҳалли масъалаҳои даъват ба хизмати ҳарбӣ вазифадоранд, ки шахсияти даъватшаванда ва шароити зиндагии ӯро ҳамаҷониба омӯхта, аниқ намоянд, ки ӯ барои ба таъхир андохтани хизмат ё озод шудан аз он асос дорад ё не. Дар ҳолате, ки агар шаҳрванди дорои ҳуқуқи ба таъхир андохтани хизмат аз ин ҳуқуқ даст накашад ва ба хизмат даъват шуда бошад (масалан, бинобар нодуруст ташхис кардани саломатии ӯ, набудани маълумот дар бораи доғи судӣ, оид ба шаҳрвандӣ, дуруст нафаҳмидани талаботи қонун оид ба таъхир ба хизмати ҳарбӣ ё озодшавӣ аз он ва ғайра), чунин даъват ғайриқонунӣ эътироф мегардад.

4. Ҷавобгарии ҷиноятӣ бо қисми 1-и моддаи 343 КҶ пешбинишуда, новобаста аз тарзи содир шудани он ва инчунин сарфи назар аз оне, ки оё даъватшаванда танҳо аз даъвати навбатӣ ба хизмати ҳарбӣ саркашӣ намудааст ё бо мақсади тамоман аз адои хизмати ҳарбӣ тибқи даъват канора ҷустааст ё не, ба вуқӯъ меояд.

Саркашӣ аз даъват ба хизмати ҳарбӣ метавонад бо роҳи бе сабабҳои узрнок тибқи даъватномаҳои комиссариати ҳарбӣ ҳозир нашудан ба ташхиси тиббӣ, ҷаласаи комиссияи даъватӣ ё ин ки комиссариати ҳарбӣ барои равон кардан ба маҳалли адои хизмат, содир гардад. Ҳамзамон, ҷавобгарии ҷиноятӣ дар сурате оғоз меёбад, ки агар даъватшаванда бо чунин тарз мақсади аз ӯҳдадориҳои ба зимааш гузоштташудаи адои хизматканораҷӯӣ намояд. Дар ин бора метавонанд, аз ҷумла, чандин маротиба ҳозир нашудани ӯ бе сабабҳои узрнок тибқи даъватномаи комиссариати ҳарбӣ ба чорабиниҳо бахшида ба даъват ба хизмати ҳарбӣ, дар рафти даъвати навбатӣ ё ин ки мавриди якчанд даъватҳои пай дар пай ҳозир нашудан ба комиссариати ҳарбӣ бо мурури амали сабаби узрнок, шаҳодат диҳанд.

Аз ҷониби даъватшаванда дар натиҷаи бо роҳи фиреб вонамуд кардани бемори̅, ба узвҳои худ ягон зарар (захм) расонидан, сохтакории ҳуҷҷат ё дигар фиреб, бо мақсади озод шудан аз хизмати ҳарби̅, бояд ҳамчун саркаши̅ аз даъват ба хизмати ҳарби̅ банду баст карда шавад.

5.Ҳангоми ҳалли масъалаи гунаҳгории шахс дар содир намудани ҷинояти бо қисми 1-и моддаи 343 КҶ пешбинишуда, зарур аст, ки воқеияти ба тариқи дахлдор огоҳ намудани даъватшавандаро барои ҳозир шудани ӯ ба комиссариати ҳарби̅ ба чорабинии бахшида ба даъват ба хизмати ҳарби̅, муайян созад.

Ҳамзамон, бояд дарназар дошт, ки огоҳии даъватшаванда ҷиҳати ҳозир шудан ба ташхиси тиббии ҷаласаи комиссияи даъвати̅ ё ин ки равон кардани ӯ ба қисми ҳарби̅ барои адои хизмати ҳарби̅, инчунин такроран гузаштани комиссияи даъвати̅ пас аз ба итмом расидани амали дароз кардани мӯҳлати мавқуф гузоштани даъвати хизмати ҳарби̅, ба воситаи даъватномаи комиссариати ҳарби̅ анҷом меёбад. Расонидани даъватнома ба даъватшаванда бо имзои ӯ ва танҳо аз ҷониби шахсони бо қонунгузори муқарраршуда амали̅ мегардад.

Дар сурати аз ҷониби комиссияи даъвати̅ бо огоҳии дахлдор равон кардани даъватшаванда ба муоинаи статсионари̅ ё амбулатории тибби̅ (табобат), роҳхати ба ӯ бо имзо супурдашуда, ки дар он мӯҳлати ҳозир шудан ба комиссариати ҳарби̅ барои гузаштани ташхиси такрории тибби̅ ва гузаштани комиссияи даъвати̅ пас аз мӯҳлати эҳтимолии анҷом ёфтани ташхиси нав (табобат), дониста мешавад.

Рад намудани даъватшаванда аз имзо дар бораи қабули даъватномаи комиссариати ҳарби̅ ё комиссияи даъвати̅ бо мақсади бо чунин тарз аз даъват ба хизмати ҳарби̅ саркаши̅ намудан, бояд бо қисми 1 моддаи 343-и КҶ банду баст карда шавад.

6. Барои фарқ кардани саркаши̅ аз даъват ба хизмати ҳарби̅ (қисми 1-и моддаи 343 КҶ) аз риоя накардани қоидаҳои ба ҳисобгирии ҳарби̅ (моддаи 689-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон) (минбаъд КҲМ) ба мақомотҳои дахлдор зарур аст, муайян созанд, ки бо кадом мақсад шахс ӯҳдадориҳои ба зиммааш вогузоштаро иҷро наменамояд.

Агар шахс қасди бевоситаи саркаши̅ намудан аз даъват ба хизмати ҳарбиро дошта, ба ҷойи зисти нав (ҷойи муваққати̅) ё ин ки бе баромадан аз қайди ҳарби̅ аз қаламрави ҷумҳури̅ рафтааст, инчунин дар ҷойи зисти нави худ (ҷойи муваққати̅) мебошад ё ин ки ба ҷумҳури̅ бе бақайдгузории ҳарби̅ бармегардад бо мақсади саркаши̅ намудан аз имзогузории даъватномаи комиссариати ҳарби̅ дар бораи ба чорабиниҳо бахшида ба даъват ба хизмати ҳарби̅, кирдори содирнамудаи ӯ бояд бо қисми 1-и моддаи 343 КҶ банду баст карда шавад.

7. Дар ҳолатҳои бо қонун пешбинишуда даъват ба хизмати ҳарби̅ на танҳо ӯҳдадориҳои шаҳрвандро, ки бо моддаи 27-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарби̅ ва хизмати ҳарби̅» муқаррар гардидаанд, балки дигар ӯҳдадориҳоро ба монанди ба муассисаи тибби̅ барои муоинаи амбулатори̅ ё статсионари̅ ҷиҳати аниқ намудани бемори̅ ҳозир шудани даъватшаванда тибқи роҳхати комиссияи даъвати̅ дар бар мегирад.

Ҳангоми ҳалли масъалаи он ки оё саркаши̅ аз муоинаи тибби̅ тибқи роҳхати комиссияи даъвати̅ ҷинояти (бо қисми 1-и моддаи 343 КҶ) пешбинишуда, ё ҳуқуқвайронкунии маъмури̅ (моддаи 691-и КҲМ) эътироф мегардад ё не, бояд қасди шахсе, ки аз чунин чорабини саркаши̅ менамояд, муайян карда шавад.

Дар ҳолате, ки даъватшаванда ба муоинаи тибби̅ бо мақсади саркаши̅ намудан аз даъват ба хизмати ҳарби̅ ҳозир намешавад, кирдори содирнамудаи ӯ бояд ҷавобгарии ҷиноятиро бо қисми 1 моддаи 343-и КҶ дар бар гирад. Дар ин бора дар давоми мӯҳлати даъвати навбати̅ ба хизмати ҳарби̅ бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудани даъватшаванда ба муассисаи тибби̅, метавонад шаҳодат диҳад.

Дар қисми 3-и моддаи 343 КҶ ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят пешбини̅ гардида, он аз саркаши̅ аз хизмати ҳарбии ҳатми̅ бо роҳи ба худ расонидани зарар ба саломати̅, сохтакории ҳуҷҷатҳо ё фиреби дигар иборат аст.

Ҳамзамон, бояд ба он диққат дод, ки мувофиқи эзоҳи моддаи 343-и КҶ, агар даъватшаванда то ба суд супоридани парванда ба даъватгоҳ ҳозир шавад, ӯ аз ҷавобгарии ҷинояти̅ озод карда мешавад.

8. Зери мафҳуми худсарона тарк кардани қисми ҳарби̅ ё маҳалли хизмат аз ҷониби

хизматчии ҳарбӣ тарк кардани қисми ҳарбӣ бо хоҳиши худ ва бе иҷозати командири дахлдор фаҳмида мешавад. Дар ин асно бояд ба назар гирифт, ки худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ – аломати ҳатмии таркиби ҷинояти мазкур ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, бо иҷозати командир (ҳатто ӯ, агар ҳуқуқи чунин иҷозат доданро надошта бошад ҳам) рафтан аз қисми ҳарбӣ ва бозгашт ба он ҷавобгарии ҷиноятиро аз рӯи моддаи 374-и КҶ истисно мекунад. Дар ин ҳолат ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ тарк кардани қисми ҳарбӣ ва саривақт барнагаштан ба он ба ӯҳдаи командир вогузор мешавад, ки чунин иҷозат додааст. Аҳамият надорад, ки ин иҷозат бо ягон тарз расмӣ гардонида шудааст (ирсоли фармон, рухсатнома, билети рухсатӣ) ё ба таври шифоҳӣ дода шудааст. Дар кирдори хизматчии ҳарбӣ набудани таркиби ҷиноятро он ҳолат гувоҳӣ медиҳад, ки агар ӯ аз ин ё он командир иҷозат гирифта бошад.

Ҳудуди қисми ҳарбӣ–территорияи махсусе фаҳмида мешавад, ки дар он воҳидҳои қисми ҳарбӣ ҷойгир шудаанд. Худсарона рафтани хизматчии ҳарбӣ аз як воҳид ба воҳиди дигари мансуб ба як қисми ҳарбӣ таркиби ҷинояти пешбининамудаи моддаи 374-и КҶ-ро ташкил намедиҳад. Аммо агар воҳидҳои як қисми ҳарбӣ ҷудо ҷойгир шуда бошанд, пас худсарона тарк кардани воҳид ҳамчун худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ эътироф карда мешавад.

Таҳти мафҳуми маҳалли хизмат, ки бо ҳудуди қисми ҳарбӣ рост намеояд, маҳалли муайяне фаҳмида мешавад, ки барои хизматчии ҳарбӣ ҷиҳати иҷрои вазифаи хизмати ҳарбиаш дар муддати вақти таъиншуда муқаррар шудааст. Маҳалли иҷрои хизмат, аз ҷумла, маҳалли корҳои ҳоҷагидорӣ, ҷои гузаронидани чорабиниҳои таълимӣ, оммавию фарҳангӣ ва тарбиявӣ, мавҷудияи команда ҳангоми ҳаракат (эшелон, поезд ва ғайра), маҳалли сафари хизматӣ мебошад.

9. Ҳозир нашудан дар мӯҳлат ба ҷои хизмат дар он зоҳир мегардад, ки хизматчии ҳарбӣ ҳудуди қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизматро дар асоси қонун (мухаррасӣ- уволнительная, сафари хизматӣ, рухсатӣ, табобат дар госпитал ва ғайра) тарк карда, бе сабабҳои узрнок дар мӯҳлати муайяншуда ба қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат барнамегардад.

Ҷой доштани муносибатҳои ғайриоинномавӣ, вазъияти вазнини саломатӣ, ё фавти хешовандони наздик, сӯхтор ва дигар ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ, ки ба сари хешовандони наздики хизматчиёни ҳарбӣ омадааст, инчунин дигар ҳолатҳое, ки ба таври ҷиддӣ адо намудани хизмати ҳарбиро мушкил менамоянд, сабабҳои узрнок дониста мешаванд.

10. Бояд дар назар дошт, ки мӯҳлати худсарона тарк кардани маҳалли хизмат аз вақти худсарона тарк кардан то баргаштан ба маҳалли хизмат ё дастгир кардани хизматчии ҳарбӣ дониста мешавад.

Мувaққатан ба ҳудуди қисми ҳарбӣ ҳозир шудани хизматчиёни ҳарбие, ки аз иҷрои ӯҳдадориҳои ҳарбӣ саркашӣ мекунанд, бе нияти шурӯъ намудан ба иҷрои ин ӯҳдадориҳо, лекин бо мақсадҳои шахсии худ (вохӯрӣ бо рафиқон, гирифтани маблағҳои пулӣ ва ғайра) давомнокии мӯҳлати худсарона ҳузур надоштанро бартараф намекунад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат, ки давомнокиаш зиёда аз 3 шабонарӯз, аммо на зиёда аз 10 шабонарӯз мебошад (қисми 1-и моддаи 374 КҶ), танҳо ба хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро аз рӯи даъват адо мекунанд, инчунин ба шаҳрвандони дар эҳтиёт қарор доштае, ки ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ даъват шудаанд ва сохтмончиҳои ҳарбии отрядҳои сохтмонии ҳарбии Вазорати мудофиа ва дигар вазорату ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн мегардад.

Субъекти ҷинояти дар қисми 2-и моддаи 374 КҶ пешбинишуда, танҳо хизматчиёни ҳарбие, ки дар қисми ҳарбии интизомӣ адои ҷазо менамоянд, шуда метавонанд.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат, яъне бе сабабҳои узрнок барнагаштан ба хизмат дар мӯҳлати зиёда аз 10 шабонарӯз, вале на зиёда аз 1 моҳ (қисми 3-и моддаи 374 КҶ) ба ҳамаи хизматчиёни ҳарбие, ки ба тариқи даъват ва ё ихтиёрӣ хизмат менамоянд, ба вуқӯъ мепайвандад.

Афсароне, ки хизмати ҳарбиро ба тариқи ихтиёрӣ адо менамоянд, аз рӯи вазъи ҳуқуқии худ ба афсароне, ки хизмати ҳарбиро ба тариқи даъват адо менамоянд, баробар мебошанд.

Хизматичии ҳарбие, ки дар қисми ҳарбии интизомӣ мӯҳлати ҷазоро адо намуда бо мақсади худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ва маҳалли хизмат бе сабабҳои узрнок зиёда аз даҳ шабонарӯз барнагашта ҳуҷҷатҳои қалбакӣ пешниҳод намояд ё тарзи дигари фиребро истифода

барад, ҳаракатҳои ӯ бо қисми 4-и моддаи 374 КҶ бояд банду баст карда шаванд.

Дар мавриде, ки аз тарафи хизматчиёни ҳарбии тибқи даъват хизматкунанда ва афсарон пропоршикон ё хизматчиёне, ки бо тартиби ихтиёрӣ адои хизмат менамоянд, худсарона қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизматро зиёда аз як моҳ тарк мекунанд, инчунин бе сабабҳои узрнок саривақт ба маҳалли хизмат ба ҳамин мӯҳлат барнамегарданд бояд кирдорашон бо қисми 5-и моддаи 374 КҶ банду баст карда шаванд.

Агар кирдорҳои бо қисмҳои 1-5-и моддаи 374 КҶ пешбинишуда, ки дар вазъияти ҷанг ё замони ҷанг, сарфи назар аз давомнокии он содир шуда бошанд, он гоҳ чунин ҳаракатҳо тибқи қисми 6-и моддаи мазкур банду баст карда мешаванд. Бояд ба назар гирифт, ки мувофиқи моддаҳои 19-20-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» аз 04 ноябри соли 1995 таҳти №208, вазъияти ҷанг –ин чунин ҳолати оперативие мебошад, ки бо задухӯрди ҳарбӣ ё ҷой доштани чунин таҳдиди задухӯрд бо мухолифин тавсиф меёбад. Чунин вазъият чи дар замони ҷанг ва чи дар замони осоишта ба миён омаданаш мумкин аст. Вазъияти ҷангӣ дар замони осоишта дар ҳолати амалҳои ҳарбии воҳидҳои мусаллаҳи ғайридавлатӣ, ки бар зидди якпорчагӣ ва ягонагии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон равон карда шудааст, пайдо шуданаш мумкин аст.

Замони ҷанг- ин давраест, ки давлат бо давлати дигар дар ҳолати ҷанг қарор дорад. Ҳолати ҷанг аз лаҳзаи эълон намудани он аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ё аз лаҳзаи воқеан сар шудани амалиёти ҷангӣ, оғоз меёбад. Лаҳзаи тамомшавии замони ҷанг рӯз ва соати эълон намудани қатъи амалиёти ҷангӣ ҳисобида мешавад. Агар амалиёти ҷангӣ нowобаста аз эълони қатъшавии он давом дода шавад, он гоҳ лаҳзаи тамомшавии замони ҷанг лаҳзаи воқеан қатъ шудани амалиёти ҷангӣ фаҳмида шавад.

11. Сохтакории ҳуҷҷат ин аз тарафи хизматчиёни ҳарбӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ба командирашон (сардорашон), бо мақсади муваққатан, пурра аз ҳама ё аз баъзе ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ озод шудан ба ҳисоб меравад. Ҳуҷҷатро метавонад худи хизматчии ҳарбӣ ё бо хоҳиши ӯ шахси дигар сохтакорӣ намояд.

Шакли дигари фиреб ин қасдан додани маълумоти бардурӯғ, ки асос барои муваққатан ё пурра озод шудани шахсро дар назар дорад.

12. Бояд дарназар дошт, ки тарафи субъективии ҷинояти худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат бо қасди бевосита содир мешавад.

13. Агар шахс якчанд саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ намояду барои ҳар кадоми онҳо бо ҳамон як қисми моддаи 374-и КҶ ҷавобгарӣ пешбинӣ шуда бошад, кирдор ҳамчун ҷинояти ягона бояд банду баст карда шавад.

Саркаширо аз хизмати ҳарбӣ, агар қисмҳои алоҳидаи моддаи 374-и КҶ дар бар гиранд, дар ин ҳолат ҳар як ҷиноят алоҳида банду баст карда шуда, ҷазо барои ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ таъин карда мешавад. Барои сӯиқасди худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ва ё барнагаштан дар мӯҳлати муқарраршуда ба хизмат бояд мустақилона баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.

Худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат ҳангоми бурдани навбатдорӣ, хизмати сарҳадӣ, қаравулӣ, хизмат оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ, хизмати дохилӣ ва гардиши посбонон дар гарнизон, ғайр аз моддаи 374 КҶ, инчунин, аз рӯи моддаҳои 377-381-и КҶ дар сурати мавҷудияти аломатҳои таркиби дахлдори ҷиноят банду басти иловагиро талаб менамояд.

14. Фирор - ин аз тарафи хизматчии ҳарбӣ дар худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё ҷои хизмат, инчунин, дар мӯҳлатҳои муайян ҳозир нашудан ба хизмат бо мақсади умуман саркашӣ намудан аз адои хизмати ҳарбӣ ифода мегардад, яъне шахс мақсади аз иҷрои ӯҳдадориҳои конститутсионии худ пурра саркашӣ карданро дорад.

15. Дар назар бояд дошт, ки фирор аз вақти баромада рафтан аз қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат, ё ин ки барнагаштан бо мақсади умуман саркашӣ намудан аз хизмати ҳарбӣ, ҷинояти хотимаёфта ҳисобида мешавад. Муддати дар қисми ҳарбӣ ё ҷои хизмат қарор надоштани гунаҳкор барои банду басти ҷиноят аҳамият надорад, лекин ҳангоми таъин намудани ҷазо мумкин аст, ба назар гирифта шавад.

Фирор – ҷинояти давомдор буда, аз лаҳзаи баромада рафтан аз қисми ҳарбӣ ва ҳозир нашудан ба қисми ҳарбӣ ё ҷои хизмат хотимаёфта ҳисобида шуда, мақсади саркашӣ намудан аз

хизмати ҳарбӣ аломати ҳатмии он мебошад. Ин аломати асосие, ки тибқи он фирор аз худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат фарқ мекунад.

Ҳангоми худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат бошад, шахс нияти танҳо муваққатан аз ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ канораҷӯи кардан дошта, бо мурури каме мӯҳлат барои идомаи хизмат бармегардад.

Омилҳои объективонае, ки мақсади шахси гунаҳгорро оиди саркашӣ намудан аз иҷрои ӯҳдадориҳои ҳарбӣ исбот менамоянд, ба ғайр аз ҳолатҳои номбаршуда, инчунин бо роҳи ба даст овардани ҳуҷҷатҳои сохта дар хусуси истиқомати ғайриқонунӣ бо номи дигар шахс шуда метавонанд.

Ихтиёран даст кашидан аз фирор танҳо то лаҳзаи тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат ё ин, ки бо гузаштани мӯҳлати ҳозир нашудан ба хизмат имконпазир аст.

Агар хизматчии ҳарбӣ бо мақсади аз хизмати ҳарбӣ канораҷӯи намудан аз қисми ҳарбӣ фирор карда, баъди гузаштани якчанд вақт новобаста аз давомнокии он ба қисми ҳарбӣ ё ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳозир шуда бошад, ҳаракатҳои ӯ ҳамчун ҷинояти хотимаёфта эътироф мегардад. Ҳозиршавии хизматчии ҳарбӣ ихтиёран даст кашидан аз ҷинояти фирор ҳисоб наёфта, балки омада ба гуноҳи худ иқрор шудан дониста мешавад, ки ин ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо бояд ба назар гирифта шавад.

Субъекти қисми 1-и моддаи 375 КҶ хизматчии ҳарбии дар асоси даъват хизматкардаистода ба ҳисоб меравад, дар баробари ин бояд ба инобат гирифт, ки чунин кирдор аз ҷониби шахсони ҳайати афсарӣ, прапоршикон ва ё хизматчии ҳарбие, ки бо тартиби ихтиёрӣ адои хизмат мекунанд, содир шуда бошад кирдори онҳо бо қисми 2-и моддаи мазкур банду баст карда шаванд.

16. Фирор бо силоҳе, ки дар ҷои хизмат вобаста карда шудааст, банду басти иловагиро талаб намекунад (қисми 3-и моддаи 375 КҶ), зеро яроқ ба ӯ мутобиқи қонун дода шудааст.

Фирор бо силоҳе, ки ба хизматчии ҳарбӣ барои иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ вобаста карда нашудааст, содир шуда бошад, бояд аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо фирор ва мутаносибан бо моддаҳои 195, 199-и КҶ банду баст карда шавад.

Ҷинояти мазкур дар сурате бо қисми 3-и моддаи 375 КҶ бо аломати аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил банду баст карда мешавад, ки агар ҳангоми содир намудани он асосҳои дар қисмҳои 2 ва 3-и моддаи 39 КҶ пешбинигардида ҷой дошта бошанд.

Дар сурати содир намудани ҷинояти фирор дар вазъияти ҷанг ё замони ҷанг гунаҳгор бо қисми 4-и моддаи 375 КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Шарҳи мафҳуми вазъияти ҷанг ё замони ҷанг дар банди 10-и қарори мазкур омадааст.

17. Ҳамчун фирор бояд кирдорҳои хизматчиёни ҳарбии ба қисми ҳарбии интизомӣ барои адои ҷазо фиристодашуда, дар гауптвахта барои ҳабси интизомӣ нигоҳ дошташуда, мӯҳлати кӯтоҳ барои ба қисми ҳарбии интизомӣ бурдан дастгир шуда, инчунин дар гауптвахта бар ивази маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ба ҳабс гирифта шуда, ки аз гауптвахта, ҳангоми ба қисми ҳарбии интизомӣ бурдан ва ё аз қисми ҳарбии интизомӣ фирор намудаанд, банду баст карда шаванд.

Шахсони мазкур ҳамчун хизматчиёни ҳарбӣ мемонанд, онҳо аз хизмати ҳарбӣ озод карда намешаванд барои вайрон намудани тартиби адои хизмати ҳарбӣ, аз ҷумла бо мақсади саркашӣ намудан аз хизмати ҳарбӣ, ки боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ аст, мувофиқи моддаи 375 КҶ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

18. Хизматчии ҳарбие, ки дар асоси санксияи тибқи қонунгузорӣ додашуда ба ҳабс гирифта шудааст, дар гауптвахта ё дар муассисаи муваққатӣ нигоҳ дошта мешавад. Гурехтани чунин шахс аз ҳабс бо мақсади аз ҷавобгарии ҷиноятӣ саркашӣ намудан, ҳамчун фирор эътироф нагардида, чунин кирдор бо моддаи 365-и КҶ банду баст карда мешавад.

Фирор танҳо бо қасди бевосита ва бо мақсади умуман аз хизмати ҳарбӣ саркашӣ намудан, содир мешавад.

Қонунгузор давомияти мӯҳлати фирорро то баргаштан ба ҷои хизмат ё дастгир кардани хизматчии ҳарбӣ муайян мекунад.

19. Бояд ба назар гирифт, ки барбод додан ё гум кардани молу мулки ҳарбӣ аз тарафи хизматчиёни мӯҳлатноки ҳарбӣ дар вақти худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат ва фирор намудан бо асбобу анҷомҳои ҳарбие, ки ба ӯ барои истифодабарии шахсӣ дода шудааст, маҷмӯи ҷиноятҳои худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат ва фирор, барбод додан

ё гум кардани молу мулки ҳарбиро  ташкил медиҳад.

Тибқи банди 10-уми Низомнома дар бораи масъулияти моддии хизматчиёни ҳарбӣ барои зарари ба давлат расонидаашон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 1996 №578 тасдиқ шудааст, хизматчиёни ҳарбӣ ва ӯҳдадорони ҳарбии ба ҷамъомадҳои таълимӣ даъватшуда, барои зараре, ки дар натиҷаи дуздӣ, исрофкорӣ, камомади либоси расмӣ, парвозию техникӣ ва десантӣ, ҷиҳози штурманӣ, либос ва пойафзоли махсус, ашёи инвентарӣ ва дигар навъи ҷудогонаи молу мулки ҳарбӣ расонидаанд ба масъулияти моддӣ кашида шуда, аз онҳо арзиши ин молу мулк ба миқдори карат ситонида мешавад. Мувофиқи номгӯи ашёву амволҳои ҳарбӣ (замимаи 1, ки бо фармони Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 августи соли 1997 №152), тасдиқ гардидааст барои тороҷ, гум кардан, исроф намудан, барои истифодабарӣ ба шахси дигар додан ё гарав мондани молу мулки ҳарбӣ, ҷавобгарии моддӣ дар ҳаҷми панҷ карата муқаррар карда шудааст.

20. Фирор аз тарафи хизматчиёни ҳарбие, ки дар вақти иҷро намудани ӯҳдадориҳои махсуси хизмати ҳарбӣ (ҳангоми бурдани хизмати қаровулӣ ва навбатдорӣ) содир шудааст, бояд бо маҷмӯи ҷиноятҳо, ҳамчун фирор ва мутаносибан бо вайронкунии қоидаҳои ба ҷо овардани хизматҳои махсуси ҳарбӣ, банду баст карда шаванд.

21. Ба мақомоти дахлдор зарур аст, ки ҳангоми аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани хизматчиёни ҳарбӣ меъёрҳои ҳавасмандкунии эзоҳи моддаи 374-375-и КҶ-ро ба назар гиранд.

Талаботи дар эзоҳи моддаҳои зикргардида, шароитҳои вазнини объективонаи ҷойдоштаи барои ҳаёти шахсӣ, оилавӣ ва хизматӣ муҳиме, ки онҳоро хизматчии ҳарбӣ ҳамчун ҳолати ногувор қабул намуда, ҷиноят содир кардааст (вазъияти вазнини саломатии падару модар, дигар хешу табарони наздик ва ғайра) ва зарурияти фавран ба ҷои истиқомати онҳо омадани хизматчии ҳарбиро пеш овардааст, фаҳмида мешавад. Ҳамзамон, агар ҳолати вазнини ҷойдошта аз байн рафта бошад ва хизматчии ҳарбӣ кирдори ғайриқонунии берун аз қисми ҳарбӣ (маҳалли хизмат) буданашро давом диҳад, ӯ аз рӯи асосҳои умумӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар баробари ин чунин кирдор бо сабаби нисбати ӯ ҷой доштани муносибатҳои ғайриоинномавӣ ва сӯистеъмоли мақоми хизматӣ аз тарафи командиронаш ҷой дошта бошад ва ӯ имконияти бо роҳи дигар ҳифз намудани ҳуқуқу манфиатҳояшро надошта бошад, дар чунин ҳолат аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

22. Барои аз ҷониби худи хизматчии ҳарбӣ бо роҳи узвмаибкунӣ, ё усули дигар муваққатан саркашӣ аз иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ бояд бо қисми 1-и моддаи 376  КҶ банду баст карда шавад. Дар ин ҳолат давомнокии саркашӣ намудан аз вазифаҳои хизмати ҳарбӣ барои таркиби ҷинояти хотимаёфта аҳамият надорад.

Дар ҳолате, ки шахс ҳаракатҳои дар моддаи 376-и КҶ номбаршударо бо мақсади муваққатан саркашӣ намудан аз иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ содир менамояду лекин бо ягон ҳолатҳои объективӣ ин ҳаракатҳо боиси озод намудани ӯ аз хизмати ҳарбӣ мегарданд, (авҷ гирифтани бемории пас аз узвмаибкунӣ ба вуқӯъ омада, ки аз рӯи он ҳолати саломатӣ ба хизмати ҳарбӣ номувофиқ дониста мешавад), кирдор ҳамчунин бо қисми 1-и моддаи 376 КҶ банду баст карда мешавад.

Агар хизматчии ҳарбӣ кирдорҳои дар боло зикршударо бо мақсади пурра озод шудан аз иҷрои вазифаи хизмати ҳарбӣ содир карда бошад, он гоҳ ӯ мувофиқи қисми 2-и моддаи 376 КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Қисми 3-и моддаи 376 КҶ ҷавобгариро барои содир кардани ҳамин кирдор дар замони ҷанг пешбинӣ мекунад, ки мафҳуми вазъияти ҷанг ё замони ҷанг дар банди 10-и қарори Пленуми мазкур шарҳ дода шудааст.

Ҷинояти мазкур аз лаҳзаи узвмаибкунӣ, худро ба бемории сохта вонамуд кардан ё истифода бурдани дигар тарзҳои фиреб, ки ҳуқуқи боздоштани иҷрои ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбиро ба миён меорад, хотимаёфта ҳисобида мешавад.

Агар шахс мақсади пурра аз иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ озод шуданро дошта бошаду лекин ҷиноят ба ҳолатҳои аз ӯ вобаста набуда ба охир расонида нашавад, кирдор бояд бо қисми 1 ё 3-и моддаи 32 ва қисми 2-и моддаи 376 КҶ банду баст гардад. Дар ҳолати аз шахс гирифтани олот ё дигар воситаи содир намудани узвмаибкунӣ ҳамчун тайёрӣ барои саркашӣ аз иҷрои вазифаҳои хизматӣ бо тарзи нишондодашуда, банду баст карда мешавад. Агар сохтакории

ҳуҷҷате, ки дар асоси он шахс бояд пеш аз мӯҳлат аз хизмати ҳарбӣ озод мегардид, аз тарафи командирон ошкор гардад, кирдор бояд ҳамчун сӯиқасди ҷинояти дар қисми 2-и моддаи 376 КҶ пешбинишуда, банду баст карда шавад.

23. Дар ҳолате, ки агар зиёнрасонӣ ба саломатии хизматчии ҳарбӣ бо хоҳиши ӯ аз ҷониби шахси дигар сурат гирифта бошад, пас кирдори ин шахс ҳамчун ҷиноят ба муқобили шахсият (моддаҳои 110-112-и КҶ) ва шарикӣ дар содир кардани ҷиноят аз рӯи моддаи 36 ва моддаи 376-и КҶ банду баст мешавад. Худи хизматчии ҳарбӣ дар ин ҳолат ҳамчун иҷрокунандаи ҷиноят ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, зеро ӯ мақсади аз хизмати ҳарбӣ саркашӣ карданро дорад.

24. Дар асоси талаботи моддаи 161-и КМҶ парвандаҳоро марбут ба ҷиноятҳои худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат, фирор ва саркашӣ аз иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ бо роҳи узвмаибкунӣ ё усули дигар аз ҷониби муфаттишони прокуратураи ҳарбӣ тафтиш карда мешаванд. Ҳамзамон, ҳангоми содир намудани ҷиноятҳои мазкур аз ҷониби гурӯҳи шахсон аққалан яке аз онҳо хизматчии ҳарбӣ бошад, тафтиши парвандаро бояд муфаттишони прокуратураи ҳарбӣ баранд.

25. Судҳо ҳангоми интихоби таъини ҷазо бояд хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор, давомнокии мӯҳлати худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат ва фирор, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд ба назар гирифта, мувофиқи кирдор ҷазои сазовор таъин намоянд.

26. Судҳо бояд ба назар гиранд, ки зимни татбиқи ҷазоҳои ғайриҳабсӣ бо дарназардошти муқаррароти банди 8-и моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», зербанди 3 банди 2.10-и Низомнома «Оиди тартиби адои хизмати ҳарбӣ» мӯҳлати аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат сарфи назар аз сабабҳои он, саривақт дар мӯҳлати дар амрномаҳо зикршуда барнагаштан ба қисми ҳарбӣ, инчунин мӯҳлати адои ҷазо дар қисмҳои ҳарбии интизомӣ ё мӯҳлати адои ҷазои интизомиро дар шакли ҳабс ба мӯҳлати адои хизмати ҳарбии ин сарбозон ба ҳисоб гирифта намешаванд.

Ҳангоми бо дастрасии моддаи 71-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон шартан татбиқ накардани ҷазо, маҳкумшудагонеро, ки нисбати онҳо ба сифати чораи пешгирӣ ба ҳабс гирифтан татбиқ карда шудааст, инчунин дар сурати бо татбиқи санади авф ё дигар асосҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазо озод кардани хизматчии ҳарбӣ онҳо аз давом додани хизмат озод намешаванд. Онҳо бояд барои ба қисми ҳарбӣ ҳозир намудан ё муайян кардани ҷои минбаъдаи хизмати ҳарбӣ бевосита ба намояндагони ваколатдори қисми ҳарбӣ ё Раёсати ташкил ва сафарбаркунии сохторҳои низомии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шаванд.

27. Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки дар рафти муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятии марбут ба саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ, худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат, фирор ва саркашӣ аз иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ бо роҳи узвмаибкунӣ ё усули дигар бояд ҳолатҳоеро, ки ба содир гардидани ҷиноят мусоидат намудаанд, муайян карда, бо роҳи қабул намудани таъинотҳои хусусӣ диққати ташкилоту муассиса ва шахсони мансабдори дахлдорро ба ҳолатҳои вайрон кардани қонун, ки андешидани чораҳои заруриро талаб мекунанд, ҷалб намуда, бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои содиршавии ҷиноят парвандаҳои ҷиноятии мазкурро дар мурофиаҳои судии сайёр баррасӣ намоянд.

28. Бинобар қабул шудани Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1998, №3 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ, худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат, фирор» беэътибор дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**